**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03. – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)**

Пешрафти ҷомеаи мутараққиро на танҳо рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин муносибати ӯ ба талаботҳои таҳсилотӣ, маълумотгирии аҳолӣ махсусан аҳолии имконияти маҳдуддошта ва нуқсони нутқидошта муайян менамояд. Инкишоф ва ташаккули босуръат, дигаргуниҳо дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, фарогирии хонандагони нуқсондор ба мактаб, мутобиқшавии онҳо бо хонандагони солим дар муассисаҳои таълимӣ, дарёфти роҳи эҷодкоронаи ҳалли машқҳо, худидоракунӣ дар лаҳзаҳои вазнин, муносибати самаранок бо одамони гуногун ва дар як вақт ҳамчун инсони эҷодкор боқӣ монданро талаб мекунад.

Диссертант Мирзоева С.Д. ба омӯзиши яке аз мавзуъҳои мубрами ҷомеаи муосир фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ рӯ овардааст. Аз нуқтаи назари илмӣ баҳо додан ба таълиму тарбияи кудакони имконияти маҳдуддошта, истифодаи технологияҳои ғайрианъанавӣ, муайян намудани зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълим мусоидат менамояд. Мубрамияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки технологияи ғайрианъанавӣ ҳамчун аз муассиртарин шаклҳои самараноки таълим дар муассисаҳои умумӣ барои кудакони имконияти маҳдуддошта ва солим ба шумор меравад. Ҳамчунин дар баробари ин ба сифати омилҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва ислоҳ намудани нуқсони нутқ дониста мешавад.

Муаллиф дар ин таҳқиқоти илмӣ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоро дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ барои баланд бардоштани муошират қарор диҳад. Барои расидан ба мақсади худ диссертант иҷрои як қатор вазифаҳоро, мисли ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар фаъолгардонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими забони модарӣ, истифодаи бозиҳои таълимӣ ва машқҳои дамгирӣ барои ислоҳ

намудани нуқсонҳои нутқӣ, банақшагирии машқҳои ислоҳии дарсҳои ғайриаънанавӣ дар низоми таълими забони модарӣ, машғулиятҳои мустақилонаи логопедӣ бо тариқи фардӣ, ҷуфтӣ ва гуруҳиро ба миён гузоштааст.

Муҳаққиқ ислоҳотҳои (дизграфия, брадилалия, тахилалия, ринолалия, дислексия, дизартрия, лакнатзабонӣ ва афонияро мустақиман шарҳ дода, ислоҳи онҳоро муҳиммияти калон арзёби намудааст. Инчунин дар тадқиқоти илмӣ технологияи ғайрианъанавиро омили асосӣ ва муҳимми баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва ислоҳ намудани нуқсони нутқ шуморидааст.

Мирзоева С.Д. дар тадқиқоти илмии худ аз методҳои гуногуни умумиилмӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла методҳои пурсишнома, мусоҳибаҳо, анкетагузаронӣ, рейтинг-баҳодиҳӣ, ҷамъбаст намудани характеристикаи мустақим, омӯхтани маҳсули фаъолияти хонандагони нуқсони нутқдошта, тарҷумаи ҳолӣ, омӯхтани ҳуҷҷатгузории муассисаҳои таълимӣ, озмоиши (экспересменти) педагогӣ, тадқиқоти сарчашмаҳои назариявӣ, таҳлили муқоисавии таърихӣ, усулҳои бозӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ, таҳлили муқоисавии системаи маълумотдиҳӣ таҳлили таҷрибаи пешқадами омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, озмоиш, арзёбии таҳлили омориро васеъ истифода бурдааст.

Таҳлилу биниши масъалаҳо, равиши таҳлилу баррасиҳо, натиҷагирӣ ва хулосабарориҳо, навовариҳо ва тавсияю пешниҳодҳои муҳаққиқ дар омӯзиши ин мавзуи тадқиқотӣ аз кӯшишҳои илмӣ ва касбияти муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Бояд иқрор шавем, ки дар баробари муваффақиятҳои муаллиф дар автореферат баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ роҳ ёфтаанд. Аз ҷумла:

- Дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ баъзан калимаҳо ба забони русӣ (перфакартаҳо) оварда шудааст, хуб мешуд, ки бо забони тоҷикӣ тарҷума карда шавад.
- Дар матни чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Норасоиҳои ҷойдошта ба мазмуни автореферат таъсири ҷиддӣ нарасонида, арзиши илмии онро кам намегардонанд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти илмии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», кори илмии пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03. – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03. – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони русии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” У.Р.Юлдошев

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-30. Телефон: 985296478. E-mail: umarjon58@mail.ru

Имзои У.Р.Юлдошевро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати рушди кадрии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”,
номзади илмҳои тиб Сафаров Б.И.

«28» октябри соли 2025.